## ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Файзалии Мирзоалӣ дар мавзуи «Асосҳои педагогии рушди қобилиятҳои ҷустуҷӯйӣ-эҷодии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот

Дар баробари ташаккул ва рушди босуръати ҷомеаи иттилоотӣ ва рақамикунонии тамоми соҳаҳои ҳаёту фаъолияти инсон, низоми таҳсилот низ ба марҳилаи нави рушди худ ворид гардидааст. Технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ҳамчун яке аз омилҳои асосии навсозии муҳтавои таҳсилот, шакл ва усулҳои таълим баромад намуда, имкониятҳои зиёдеро барои баланд бардоштани самаранокии раванди омӯзиш фароҳам меоранд. Истифодаи босамари онҳо на танҳо воситаи интиқоли дониш, балки муҳити фаъоли таълимиро ба миён меоранд, ки дар он хонандагон метавонанд фаъолона иштирок намоянд.

Имрӯзҳо, технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ мавқеи калидиро дар таъмини сифати таҳсилот ишғол намуда, барои татбиқи усулҳои инноватсионии таълим шароити мувофиқро фароҳам меоваранд. Бо ёрии воситаҳои муосири технологияҳои рақамӣ имкони фардикунонии раванди таълим, мутобиқсозии мазмун ва мундариҷаи таълим ба сатҳи омодагии омӯзандагон, инчунин истифодаи манбаъҳои гуногуни иттилоотӣ таъмин мегардад. Албатта, ин ҳама ба баланд бардоштани шавқу рағбати омӯзандагон нисбат ба омӯзиш ва рушди малакаҳои таҳсили мустақилона мусоидат мекунад.

Яке аз самтҳои муҳими истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар низоми таҳсилот ин рушди қобилиятҳои гуногуни омӯзандагон, аз ҷумла қобилиятҳои ҷустуҷӯйӣ ва эҷодии онҳо ба ҳисоб меравад. Муҳити рақамӣ ба онҳо имкон медиҳад, ки иттилоотро мустақилона ҷустуҷӯ, таҳлил ва коркард карда, дар асоси он қарорҳои эҷодӣ қабул намоянд. Бидуни шубҳа, истифодаи платформаҳои рақамӣ, захираҳои электронӣ ва воситаҳои интерактивӣ ба ташаккули тафаккури интиқодӣ, малакаҳои таҳқиқотӣ ва эҷодкории омӯзандагон муассир хоҳад буд.

Бинобар ин, татбиқи мақсаднок ва оқилонаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар раванди таълим яке аз шартҳои муҳимми баланд бардоштани сифати таҳсилот ва омода намудани насли наврас ба талаботи ҷомеаи муосир ба шумор меравад.

Рисолаи илмии Файзалии Мирзоалӣ ба масъалаи рушди қобилиятҳои ҷустуҷӯйӣ ва эҷодии хонандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ дар шароити ҷой доштани равандҳои бесобиқаи иттилоотонӣ ва рақамикунонии соҳаи маориф нигаронида шуда, яке аз самтҳои муҳимми педагогикаи муосирро фаро мегирад. Зеро, пеш аз ҳама, технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ҳамчун воситаи муассири таълимӣ имконият медиҳанд, ки раванди таълим бештар интерактивӣ, инфиродӣ ва ба талаботи асри XXI мутобиқ гардонида шавад.

**МУТОБИҚАТИ ДИССЕРТАТСИЯ БА ИХТИСОСҲО ВА САМТҲОИ ИЛМ, КИ АЗ РӮЙИ ОНҲО ДИССЕРТАТСИЯ БА ҲИМОЯ ПЕШНИҲОД ШУДААСТ**

Мавзуъ ва мундариҷаи рисолаи диссертатсионии Файзалии Мирзоалӣ дар мавзуи «Асосҳои педагогии рушди қобилиятҳои ҷустуҷӯйӣ-эҷодии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ» бо бандҳои алоҳидаи шиносномаи ихтисоси илмии 5.3.1 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мутобиқат мекунад, аз ҷумла: *банди 1 – Методологияи таҳқиқоти педагогӣ* (усулҳои таҳқиқоти педагогӣ), *банди 4 – Назария ва консепсияҳои таълим* (фардикунонӣ ва тафриқаи таълим; намудҳо ва амсилаҳои таълим, доираи татбиқи онҳо; технологияҳои таълим), *банди 6 – Консепсияҳои таҳсилот* (сифати таълим ва технологияҳои баҳодиҳии он; технологияи ташаккул ва рушди муҳити таълим; равандҳои инноватсионӣ дар таълим), *банди 7 – Педагогикаи амалӣ* (ҳаракати навоварона (инноватсионӣ) дар таълим).

**МУБРАМ БУДАНИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ**

Бо дарназардошти тамоюлҳои ҷаҳонии рушди таҳсилоти рақамӣ ва зарурати омода намудани хонандагон ба фаъолияти мустақилона, таҳлилӣ ва эҷодӣ дар шароити ҷомеаи донишбунёд, масъалаи истифодаи самараноки технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар рушди қобилиятҳои ҷустуҷӯйӣ-эҷодии онҳо аҳамияти махсус касб менамояд. Дар амалия, новобаста аз дастрас гардидани воситаҳои рақамӣ, истифодаи онҳо на ҳамеша ба рушди воқеии чунин қобилиятҳо мусоидат мекунад, ки ин ба нокифоя будани асосҳои педагогии татбиқи онҳо вобаста аст. Аз ин рӯ, зарурати таҳқиқи илмии шароит, усул ва амсилаҳои самараноки истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар рушди қобилиятҳои ҷустуҷӯйӣ-эҷодии хонандагон, мубрамияти мавзуи рисолаи мазкурро муайян менамояд.

**ДАРАҶАИ НАВГОНИИ НАТИҶАҲОИ ДАР ДИССЕРТАТСИЯ БАДАСТОМАДА ВА НУКТАҲОИ ИЛМИЕ, КИ БАРОИ ҲИМОЯ ПЕШНИҲОД МЕШАВАНД**

Навгониҳои илмии аз таҳқиқот бадастовардаи унвонҷӯ Файзалии Мирзоалиро метавон дар бандҳои зерин таҷассум намуд:

– бори аввал ҳамчун ҷузъи муҳимми низоми таълим асоснок карда шудани тасаввуроти илмӣ оид ба моҳият ва сохтори омӯзиши технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар рушди қобилиятҳои ҷустуҷӯйӣ-эҷодии хонандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ;
– аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ асоснок карда шудани муколамаи интерактивӣ ҳамчун омили муҳимми рушди фаъолияти маърифатии хонандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки дар заминаи захираҳои электронии таълимӣ амалӣ карда мешавад;
– мушаххас гардидани амсилаи рушди қобилиятҳои ҷустуҷӯйӣ-эҷодии хонандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ (сохтор, дараҷаҳо ва марҳалаҳои рушд);
– пешниҳод шудани заминаҳои методии татбиқи самтҳои асосии рушди қобилиятҳои ҷустуҷӯйӣ-эҷодии хонандагон, ки дар раванди омӯзиши технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ муайян гардидаанд;
– коркард кардани рушди қобилиятҳои ҷустуҷӯйӣ-эҷодии хонандагон ҳангоми омӯзиши технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ва ошкор карда шудани хусусиятҳои асосии онҳо.

Нуктаҳои зерини ба ҳимоя пешниҳодшаванда баёнгари мавқеи илмии унвонҷӯ буда, мазмуну муҳтавои асосии диссертатсия ва натиҷаҳои илмии бадастовардаро муайян ва муаррифӣ мекунанд:

1. Технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ҳамчун маҷмуи ҳамгирои воситаҳои техникӣ (компютер, таҷҳизоти канорӣ, дастгоҳҳои интерактивӣ, таъминоти барномавӣ) ва дидактикӣ (захираҳои электронии таълимӣ ва интернетӣ) баррасӣ гардида, имконияти фаъолсозии фаъолияти таълимӣ-маърифатии хонандагонро тавассути муколамаи интерактивӣ ва истифодаи алоқаи баръакс таъмин менамоянд.

2. Технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ барои хонандагон омӯзиши инфиродиро таъмин карда метавонад: имконияти интихоби масири мустақилонаи омӯзиш, танзими вақт ва суръати омӯзиш, муайян кардани ҳаҷм ва сатҳи мураккабии маводи таълимӣ ва ғайраро фароҳам меорад.

3. Қобилиятҳои ҷустуҷӯйӣ-эҷодии хонандагон ҳамчун ҳадафи афзалиятноки омодасозии онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ буда, онҳо ҳамчун низоми динамикии донишҳо, маҳоратҳо, сифатҳо ва ангезаҳо баромад мекунанд ва истифодаи босамари технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсиониро дар раванди омӯзиш таъмин менамоянд.

4. Сохтори қобилиятҳои ҷустуҷӯйӣ-эҷодии хонандагон се шохаи асосиро дар бар мегирад: якум, маърифатӣ-амалиётӣ (дарки мавқеъ ва нақши таълими интерактивӣ, имкониятҳои технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар

таълим); дуюм, афзорӣ (инструменталӣ)-фаъолиятӣ (малакаю маҳорати корбурди воситаҳои интерактивӣ ва ҷустуҷӯйи иттилоот, таҷрибаи истифодабарӣ аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, малака ва маҳорати алоқамандсозии вазифаҳои касбӣ бо имкониятҳои технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ); (в) рефлексӣ-эҷодӣ (қобилияти худбаҳодиҳӣ дар самти истифодабарӣ аз восита ва имкониятҳои технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, амалисозии имкониятҳои эҷодии худ дар фаъолияти касбӣ).

**АСОСНОКӢ ВА ЭЪТИМОДНОКИИ ХУЛОСАҲО ВА ТАВСИЯҲОИ ДАР ДИССЕРТАТСИЯ ЗИКРШУДА**

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо ва тавсияҳои дар таҳқиқот пешниҳодшуда бо такя ба методологияи муносибати бонизом, истифодаи муназзами назарияи илмии ташхиси педагогӣ, татбиқи маҷмуи ҳамгирои методҳои назариявӣ ва эмпирикӣ, инчунин дар заминаи таҳлили амиқу ҳамаҷонибаи шароит ва натиҷаҳои корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ таъмин карда шудааст. Ҳамзамон, эътимоднокии натиҷаҳо тавассути исботи нуктаҳои калидии фарзияи илмӣ, мутобиқати дохилии методҳои истифодашуда ба вазифаҳои марҳилавии таҳқиқот ва ҷамъбасти таҷрибаи касбии муаллиф ҳамчун педагог асоснок гардидааст.

**АҲАММИЯТИ ИЛМӢ, АМАЛӢ, ИҚТИСОДӢ ВА ИҶТИМОИИ НАТИҶАҲОИ ДИССЕРТАТСИЯ БО НИШОН ДОДАНИ ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ ОНҲО**

Навгониҳои илмӣ ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, ки натиҷаҳои асосии таҳқиқоти унвонҷӯ Файзалии Мирзоалиро ифода мекунанд, дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ будани рисоларо тасдиқ мекунанд.

Аҳаммияти назариявии натиҷаҳои аз таҳқиқот бадастомада дар самтҳои зерин ифода меёбад:

– сохтор ва мазмуни қобилиятҳои ҷустуҷӯйӣ-эҷодии хонандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳангоми истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар марҳилаҳои гуногуни рушди онҳо ба таври назариявӣ асоснок карда шудааст;
– ҷузъҳои асосии қобилиятҳои ҷустуҷӯйӣ-эҷодии хонандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ, ба монанди мақсаднокӣ, муҳтавоӣ ва протсессуалӣ, муайян гардидаанд;
– заминаҳои назариявии омӯзиши масъалаи рушди қобилиятҳои ҷустуҷӯйӣ-эҷодии эҷодии хонандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ дар раванди таълим тавсеа ёфтааст.

Нуктаҳои зерин аҳаммияти амалии натиҷаҳои таҳқиқотро баён месозанд:

– таҳия гардидани курси интихобии муаллифии «Коркарди захираҳои электронии таълимӣ»;

– эҷод намудани дастури таълимӣ-методӣ, барномаи корӣ ва маҷмуаи захираҳои чандрасонаии интерактивӣ оид ба технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ;
– коркард кардани маводи дигари таълимӣ ва дидактикии мувофиқ дар самти баланд бардоштани сифати омӯзиш.

**НАШРИ НАТИҶАҲОИ ДИССЕРТАТСИЯ ДАР МАҶАЛЛАҲОИ ТАҚРИЗШАВАНДАИ ИЛМӢ**

Натиҷаҳои асосии аз кори илмӣ-таҳқиқотӣ бадастовардаи унвонҷӯ Файзалии Мирзоалӣ дар 26 интишорот рӯйи чоп омадаанд, ки аз онҳо 7 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз ҷумла, 4-тои онҳо дар ҳаммуаллифӣ) ва 19 мақола дар маҷмуаи маводҳои конференсияҳои илмӣ-амалӣ ва илмӣ-назариявии сатҳҳои муассисавӣ (донишгоҳӣ), шаҳрӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ (аз ҷумла, 8-тои онҳо дар ҳаммуаллифӣ) ба табъ расонида шуда, мазмуну мундариҷаи асосии рисолаи илмӣ ва натиҷаҳои аз таҳқиқот бадастомадаро фаро мегиранд.

Ҳамзамон, дар робита ба феҳристи интишороти илмии унвонҷӯ таъкид кардан ба маврид аст, ки бархе аз мақолаҳои ӯ, масалан, таҳти рақамҳои [8-М] ва [12-М] наметавонанд ба мавзуи рисолаи илмӣ алоқаи бевосита дошта бошанд.

**МУТОБИҚАТИ БАРАСМИЯТДАРОРИИ ДИССЕРТАТСИЯ БА ТАЛАБОТИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

Диссертатсия ва автореферати он бо дарназардошти талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия омода карда шудаанд.

Мазмун ва мундариҷаи фишурдардаи диссертатсия дар автореферат баёни худро ёфтааст, ки моҳияти таҳқиқоти анҷомёфта ва натиҷаҳои бадастовардаи унвонҷӯро фаро мегирад.

Рисола ба забони равони илмӣ таълиф шуда, дар он пайдарпайии бобу фаслҳо ва робитаи байни онҳо дуруст ба роҳ монда шудааст.

**КАМБУДИҲОИ ДИССЕРТАТСИЯ ВА ЭРОДҲО НИСБАТИ ОНҲО**

Дар баробари шоистаи эътироф будани дастовардҳои назариявию амалии аз таҳқиқот бадастовардаи унвонҷӯ, дар рисолаи илмӣ ва автореферати он ба баъзе камбудӣ ва норасоиҳо низ роҳ дода шудааст. Баёну баррасӣ ва таҳриру ислоҳи онҳо барои таҷдиду такмил ва баланд бардоштани сифати рисола ба манфиати кор хоҳад буд. Аз ҷумла:

1. Дар матни рисола, дар чандин маврид хонандагони синфҳои болоии муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳамчун «*мутахассисони оянда дар самти информатика*» дарҷ шудаанд. Аммо, на ҳамаи хонандагони синфҳои болоӣ ба сифати касбу ихтисосиояндаи худ самти технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (информатика)-ро интихоб мекунанд. Инчунин, пас аз хатми муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ онҳо якбора «мутахассис» намешаванд; барои ин, таҳсил дар зинаҳои навбатии таҳсилот зарур аст.

Бо ҳамин мазмун, дар абзатси дуюми бахши «Хулоса ва тавсияҳо» (саҳ. 149) дарҷ гардидаст, ки «*Бинобар ин, хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи Тоҷикистон аз рӯйи самтҳои омодасозии «Технологияҳои иттилоотӣ» ба сифати заминаи таҷрибавии таҳқиқ <...> интихоб карда шудаанд*». Оё муассисаҳои таълимие, ки пойгоҳи таҳқиқотро ташкил медиҳанд (МТМУ № 21-и ноҳияи Шоҳмансур, № 78-и ноҳияи Фирдавсӣ ва № 100-и ноҳияи Шоҳмансур), хонандагонро аз рӯйи ин самт(ҳо) омода мекунанд?

2. Зимни баррасии мафҳуми «*технологияи педагогӣ*» муаллиф чунин ибрози ақида кардааст: «*Ба асоси равандҳои технологии омӯзиш дастрас кардан ва табдил додани иттилоот дохил мешаванд ва барои ҳамин дилхоҳ технологияи педагогиро метавонем технологияи иттилоотӣ номгузорӣ намоем.*» (саҳ. 38), ки он баҳсталаб аст. Зеро, бо дарназардошти таърифи мукаммали ин ду мафҳум ва хусусиятҳои хоси онҳо на ҳама технологияи педагогӣ метавонад ҳамчун технологияи иттилоотӣ бошад.

Ва ё, ҳангоми баррасии мафҳуми «*сифат*» дар робита ба таҳсилот, ӯ дарҷ намудааст: «*Азбаски мафҳуми услубии муайянкунии истилоҳи «сифат»-ро дар ҳошияи таҳсилот надорем, ....*» (саҳ. 32). Аммо, дар робита ба ин масъала, олимону муҳаққиқони зиёди чӣ ватанӣ ва чӣ хориҷӣ пажӯҳишҳо гузарондаанд. Масалан, дар мақолаи инҷониб: Назарзода (Назаров) Р. С. Таҳлили баъзе назарияҳои илмӣ ва консепсияҳои пажӯҳишии таърифи мафҳуми «сифати таҳсилот» (Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2017. – № 3/6. – С. 281-286. – EDN: YLYIOG), мафҳуми «сифати таҳсилот» ба тафсил баррасӣ гардида, дар он таърифи муаллифӣ низ пешниҳод гардидааст.

3. Натиҷаҳои корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ, ки зимни таҳқиқот гузаронида шудаанд, тавассути усулҳои оморӣ коркард шуда, дар рисола дар намуди ҷадвал ва диаграммаҳо инъикос гардидаанд. Аммо, дар баъзе аз онҳо ҷо-ҷо камбудиҳо ба чашм мерасанд. Масалан:

– равшан нест, ки дар диаграммаи расми 17 (саҳ. 110) рақамҳо чиро мефаҳмонанд. Номгузории расмҳои 20-23 (саҳ. 127-128) ба мазмуни диаграммаҳои дар онҳо инъикосёфта на онқадар мувофиқанд. Дар расми 24 (саҳ. 129) ва расми 25 (саҳ. 130) чиро фаҳмонидани қисмҳои диаграммаи доирашакл низ норавшан аст;

– ҷой доштани нуқсонҳои ҳисоббарорӣ дар саҳеҳии ҳисоб ва яклухткунии қиматҳо: дар сатрҳои дуюм ва чоруми ҷадвали 8 (саҳ. 129), сатри якуми ҷадвали 9 (саҳ. 130), сатри охирони ҷадвали 10 (саҳ. 132-133) ҳосили ҷамъи қиматҳои нишондиҳандаи дарсад (фоиз; %) ба 100 баробар нест. Агарчи фарқияти ҷойдошта саҳеҳии то ±1-ро ташкил кунад ҳам, аммо дар яке аз ин ҳолатҳо (сутуни марбут ба синфи 11 дар ҷадвали 10) чунин фарқият қариб 29%-ро ташкил медиҳад.

4. Баъзе хатоҳои имлоию услубӣ ва нуқсонҳо дар рисола ва автореферати он дида мешаванд. Масалан:

– новобаста аз вазифаҳои гуногун доштани аломатҳои тире («–») ва дефис (нимтире ё тиреи кӯтоҳ; «-») дар матн истифода шудани танҳо аломати тире. Гузошта нашудани аломати дефис ҳамчун аломати таркибии калимаҳои мураккаб (ҷуфт) боиси якҷоя (хато) навишта шудани калимаҳо гардидаанд;
– ҷой доштани ҷумлаҳои дарозу мураккаб ё нотамом, ки дарки онҳо каме мушкил низ ҳаст. Масалан, ҷумлаи якум дар бахши «Навгонии илмии таҳқиқот» (саҳ. 11), ду банди аввали бахши «Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда» (саҳ. 12), ҷумлаи якуми абзатси дуюм дар саҳифаи 23 ва ҷумлаи якуми абзатси охир дар саҳифаи 90;
– дар рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) таҳти рақамҳои 10-14, 23, 59 ва 145 санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба забони русӣ оварда шудаанд. Бо дарназардошти тоҷикӣ будани забони таълифи рисола, хуб мебуд, агар онҳо дар забони давлатӣ (тоҷикӣ) оварда мешуданд.

Таъкид кардан ба маврид аст, ки камбудӣ ва норасоиҳои дар боло дарҷгардида, асосан, хусусияти техникию тавсиявӣ дошта, ба арзиш ва дараҷаи мубрамияти мавзуъ, навгониҳои илмӣ, натиҷаҳои бадастомада ва аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқот таъсири манфӣ намерасонанд.

**Хулоса**

1. Рисолаи илмии Файзалии Мирзоалӣ дар мавзуи «Асосҳои педагогии рушди қобилиятҳои ҷустуҷӯйӣ-эҷодии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ» кори таҳқиқотии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, аз ҷиҳати мазмун ва мундариҷа ба шиносномаи ихтисоси илмии 5.3.1 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мувофиқат мекунад.

2. Диссертатсияи Файзалии Мирзоалӣ дар мавзуи «Асосҳои педагогии рушди қобилиятҳои ҷустуҷӯйӣ-эҷодии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ», ки барои ҳимоя ҷиҳати дарёфт кардани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ

пешниҳод карда шудааст, ба талаботи Низомномаи шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267 (дар таҳрири нав бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, таҳти № 295) тасдиқ гардидаанд, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Файзалии Мирзоалӣ сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**

номзади илмҳои педагогӣ, сардори идораи корҳои илмӣ-татбиқотӣ, и.в. дотсенти кафедраи барномасозӣ ва зеҳни сунъӣ, Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

**НАЗАРЗОДА Рустам Саидмурод**

*шаҳри Душанбе,*
*26-уми марти соли 2026*

**Маълумот барои тамос:**

Нишонӣ: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Неъмат Қарабоев, 63/3. Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, идораи корҳои илмӣ-татбиқотӣ

Почтаи электронӣ: Rustam_N@hotmail.com

*«Имзои Назарзода Р. С. -ро тасдиқ мекунам».*

Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва назорати Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Абдуназаров А. Ҷ.